**Тақризи**
**муқарризи расмӣ ба авторефирати рисолаи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Шоири тавоно ва муқтадир Низомии Ганҷавӣ дар сафи шоирони бузург ва устодони шеъри форсу тоҷик мақоми шоиста дорад. Ӯ ҳамчун шоири соҳибмактаб дар адабиёти форсу тоҷик ба достонсароии ишқӣ-романтикӣ асос гузошта, онро ба ҳадди аълояш расондааст. Дар ин достонҳо ҳам маҳорати эҷодӣ, бадеияти сухан ва тафаккури тасвири маҷозӣ, ки ба олами ботинии инсон ба таври амиқ фурӯ рафтааст, мавқеи ҳайратбахш дорад.

Масъалагузориҳои муҳаққиқи ҷавон дар кор дар заминаи таҳқиқу баррасиҳои мавҷуда вижагиҳои ҳунарии осори Низомии Ганҷавӣ ва маҳорати шоирии ӯро хеле хубу равшан фаро гирифтааст.

Навгониҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ва дар низомишиносӣ дар шакли монографӣ маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои ишқии ӯ “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар ин замина ҳунару маҳорат, сабки нигориш, истифодаи санъатҳои бадеӣ, андешаҳои ахлоқии эҷодкор ҳатталимкон таҳқиқ шудааст.

Аҳаммияти назарии диссертатсияи Соқиева П.З. аз он иборат аст, ки дар он ҷанбаҳои назарии таҳқиқот дар омӯзишу пажӯҳиши баъзе аз ҷузъиёти норавшани эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ кушода дода шуда, пажӯҳиши он ба рисолаҳои дигари илмӣ, таълифи рисолаҳои хатм дар факултаҳои суханшиносӣ, таълиму тадриси адабиёти классикии форсу тоҷик ва ғайра мусоидат намояд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки рисола аз се боб, ҳар боб иборат аз фаслҳо ва зерфаслҳои алоҳида, хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муҳаққиқи ҷавон оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, асосҳои назарию методологӣ, сарчашмаҳои илмӣ, навгонӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва дигар нуқтаҳои мансуб ба муқаддимаи автореферати рисолаи диссертатсионӣ маълумоти дақиқ додааст. Дар қисмати асосии таҳқиқ муҳаққиқ оид ба ҳар як боби кор маълумоти мухтасар овардааст.

Боби якуми диссертатсия “Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадей” унвон дошта, аз ду фасл, оид ба сухан ва суханвар ва каломи бадей аз нигоҳи Низомии Ганҷавӣ бахшида шуда, ки муҳақиқ андешаҳояшро дар бораи нуқтаи назари шоир доир ба шеъру шоирӣ ва истифодаи каломи бадеӣ иброз намуда, аз ҷумла овардааст, ки ақидаи Низомии Ганҷавӣ дар боби сухан ақидаи муҷаррад набуда, ба андешаи ӯ, он воситаи асосии муносибати иҷтимоӣ, аслиҳаи баёни афкори маънавӣ ва эҳсосоти дили инсонҳост.

Боби дуюми рисола “Маҳорати шогирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” аз ду фасл иборат мебошад. Муаллиф дар он ба ҳунари шоир дар сохту мухтавои достонҳо, маҳорати симоофарии эҷодкор баҳои илмӣ дода, таъкид мекунад, ки офаридани симоҳои достонҳои мазкур, аз паҳлуҳои асосии маҳорати шоирии Низомӣ ба шумор меравад ва ҳамаи ҳодисаҳо дар атрофи онҳо мечарханд.

Боби сеюми рисола “Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”- и Низомии Ганҷавӣ” аз се фасл иборат аст. Муҳаққиқ дар фаслҳои ин боби рисола оид ба забон ва ҳусни баён, истилоҳоти мусиқӣ, андешаҳои ахлоқӣ ва истифодаи санъатҳои бадей мулоҳизаҳои худро баён намуда, қайд мекунад, ки ин санъатҳои истифодашуда дар онҳо барои эҷодкори асил, зимни маъниофаринӣ, вазифаи зеҳнию ахлоқиро ба ҷой овардаанд.

Муҳақиқ натаҷаи таҳқиқоти худро дар ёздаҳ банд қайд карда, , дар шаш банд тавсияҳо пешниҳод намудааст ва маводи диссертатсия дар оянда метавонад дар навиштани китобҳои илмӣ ва дарсии таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳияи дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳои таълимӣ ба донишҷӯён ва мутахассисони соҳа мусоидат намояд.

Мақолаҳои илмии унвонҷӯ мухтавои пурраи рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он буда, дар маҷаллаҳои пазируфташуда ва тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба чоп расидаанд. Тарҷумаи русии автореферат бо матни тоҷикии он пурра мусоидат мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дида мешаванд, монанди:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ҷой дошта, ҳамчунин дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, дар сархати ҳафтум ҳангоми овардани ному насаби пажӯҳишгарон В.В.Бортольд, А. Н.

Болдырев (саҳ.6) талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нагардидааст.

2. Дар ҷараёни навиштани диссертатсия аз усулҳои тадқиқоти адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ истифода карда шуда бошад ҳам, вале баъзе аз пажӯҳишгарони ватанию хориҷӣ, ки оид ба эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ мулоҳизаҳои худро баён кардаанд, аз назари муҳақиқ дур мондаанд, аз ҷумла Ш. Ҳусейнзода, М. Рафили, М. Д. Кязимов, Р. Алиев.

Вале норасоие, ки нишон додем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии к авторефератро кам карда наметавонанд.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Соқиева П. З. "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ" (дар мисоли достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва "Лайлӣ ва Маҷнун")", яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти муҳаққикро кори ба анҷомрасида ҳисобидан амри воқеист. Хулосаҳои муаллиф асоси илмӣ дошта, мундариҷаи бобҳои рисоларо дар бар гирифтаанд.

Ниҳоят, диссертатсияи Соқиева П.З. "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва "Лайлӣ ва Маҷнун")" кори баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи рисолаҳои номзадии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия ҷавобгӯй ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) арзанда мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент.
Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ширииншоҳ Шоҳтемур Дӯстов Комилҷон Авлокулович
Нишонӣ: 7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе
Кӯчаи Франко 9/2, кв. 3.
Тел (моб): +992(93-582-73-03)
Э-почта: komildustov.64@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур Раҷабова
Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе
Хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел (корӣ): +992 (2247207).